# Оила манбаи асосии таълиму тарби

***Мансурова Замира***
*Донишҷӯи курси 3 - и факултети таълими ибтидоӣ*
*Муаллимаи калони кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ*

***Ниёзова Сафия***
*Донишҷӯи институти давлатии педагогии Термиз*

**Анотатсия:** Дар ин мақола доир ба мустаҳкамкунии таълими ибтидоӣ ҷараёни таълиму тарбия, андешаҳои мутафаккирони Шарк,осори адабии онҳо дар бораи тарбияи фарзанд, оила ,мавқеи оила дар ҷамъият одоб, ахлоқ ,инсони комил сухан ронда шудааст .Дар бораи шахси муосир педагог падару модар ва вазифаи онҳо ба фарзанд ,талабҳоеки гузошта шудааст маълумот дода мешавад.
**Калидвожаҳо:** Оила ,падар ,модар, фарзанд, тарбия,ахлоқ,маънавият ,маърифат,маданият,вазифа,масъулият,маҳалла давлат ,ҷамъият,тарбияи ақлӣ,маънави ,ҷисмони.

Аз қадимулайём аҷдодони мо ба тарбияи оилавӣ эътибори ҷиддӣ медоданд ва барои барпо намудани оилаи нав ва мустаҳкам намудани он тамоми кӯшишу ғайрати худро сарф мекарданд.

Дар тарбия намуда ба воя расонидани инсони баркамол мавқеи оила ниҳоят баланд мебошад, ки ҷои онро дар тарбияи фарзанд бо ягон каси дигар иваз кардан номумкин аст.

Оила чист ва аз киҳо иборат аст? Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар боби 14, моддаи 63 оварда шудааст: “Оила як қисми ҷудонашавандаи ҷамъият буда, ҳуқуқи он аз тарафи давлат ва ҷамъият ҳимоя карда мешавад.Оила ин як узви ҷудонашавандаи ҷамъият буда, дар ташаккули шахсияти инсон мавқеи муҳим мебозадОила як мазмуни маишии маҳдуд набуда, балки як ҷамоаи хурди иҷтимоӣ аст, ки дорои қонунҳои ба худ мувофиқ мебошад. Оилаҳо дар якҷоягӣ ҷамъият, давлат ва мамлакатро ташкил мекунанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавқеи иҷтимоии оила, масъулияти падару модар дар назди фарзанд ва масъулияти фарзанд дар назди падару модар аниқ ва равшан нишон дода шудааст.

Ба оила ва мустаҳкамии он, ба саломатии кӯдакон ва модарон аз тарафи раҳбарони давлат эътибори ҷиддӣ дода шуда истодааст, ки мо инро аз солҳои аввали мустақилият сар карда, ба номгузории солҳо эътибор додани ҳукуматамон ҳам дидан мумкин аст.Бузургон фармудаанд, ки фарзанд дарахти умри инсон аст. Маълум аст, ки дарахт дар ибтидо навниҳол буда, баъдан бо талошу заҳмати боғбон бузург мешавад ва пурбор мегардад.

Ҳамчунин фарзанд ҳам дар ибтидо тифл аст ва баъд навҷавону бузургу солор мешавад.

Дарахт дар кадом вақт метавонад пурсамар шавад ва меваи ширин диҳад? Дар он вақте ки боғбони донишманду дилсӯз дошта бошад ва он боғбон сараввал барои дарахт замини хушхоку ҳосилхезро муҳайё намояд. Мову шумо хуб медонем, ки дар бӯстон чӣ мерӯяду дар биёбон чӣ? Он чӣ ки дар бӯстон мерӯяд, ҳама гулу райҳон аст ва ҳар чӣ дар биёбон мерӯяд, хасу хор аст.Аз ин суханон бармеояд, ки модар барои фарзанд ҳукми заминро дорад. Падаронро зарур аст, барои фарзандони худ модари хубрӯю фармонбардорро интихоб намоянд. Зеро нақши модар дар сарнавишти фарзанд хеле муассир аст. Дар ин бора шайх Муҳаммад Ғаззолӣ мегӯяд: “Агар дар ақл ва қалби зан маърифати мактаб ва ибодати ҳақ набошад, тарбия аз куҷо пайдо мешавад. Ҷамъияте, ки занро фақат барои таом ҳозир кардан истифода мекунад, ҳаргиз ислоҳ карда намешавад”.Инсон барои ба ҳадафи олӣ расидан барои ӯ пеш аз илм зарур аст. Илм бошад одобро таъмин мекунад. Шахси бодоб дар ҳама ҷо дар эҳтиром аст.Чи хеле ки Мавлонои Ҷалолиддини Румӣ мегӯянд:

Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ,
Бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ

Дар баробари илму ҳунар бузургтарин мерос барои падар фарзанди боахлоқ аст. Фарзанди боахлоқро падару модар ва устод бояд тарбият кунанд.Дар ин ҷо ба дӯши падару модар масъалаи вазнини бомасъулияти тарбияи насли наврас дар мадди назар дошта шудааст, зеро ояндаи дурахшони оила, ҷамъият ва миллату ватан ба натиҷаи ин вобаста аст. Агар мо фарзандони боилму дониш ва фидокорони миллату ватанро тарбия карда тавонистем, ин муваффақият ва бурди мост. Агар тарбия карда натавонистем, ин бохти мост, чунки таҷрибаи инсоният исбот кардааст, ки бардавомӣ ва барқарории миллат ва халқу ватан танҳо дар дасти фарзандони боилму маърифат ва босадоқату хушахлоқ мебошад.Падару модар аз ҳама бештар фарзандони худро бояд ба омӯхтани касбу ҳунар ҳидоят намояд. Дар ин бобат Саъдии Шерозӣ дар “Гулистон”-и

худ дар боби “Дар таъсири тарбия” чунин ҳикояте меорад: “Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки молу давлати дунёро эътимоде нашояд ва симу зар дар сафар бар маҳалли хатар аст ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафриқ бихӯрад. Аммо ҳунар чашмаи зоянда асту давлати поянда. Агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунарманд дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар луқма чӯяду сахтӣ бинад”.Дар ҷавонон тарбия ва ташаккул додани фазилатҳои хуби инсонӣ, ба мисли хулқу атвори нек, ақли комил, адобу кирдори хуб, мустаҳкам намудани имону эътиқоди онҳо, шарму ҳаё, ору номус, меҳру муҳаббат, тозагӣ-покизагӣ яке аз омилҳои асосии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ба шумор рафта, васеъ намудани ислоҳотҳои демократӣ ва шартҳои барпо намудани ҷамъияти шаҳрвандӣ мебошад. Дар ҳамин асос ба шуури аҳолии мамлакат ҷойгир намудан ва ташаккул додани ҳиссиёти донистан ва риоя намудани ба қисмҳои таркибии  маънавият ва ахлоқи пок яке аз роҳҳои асосии ташаккул додани тарбияи маънавӣ мебошад.

Тарбияи ақлӣ, қисми ҷудонашандаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ба шумор рафта, аз ҷониби хонандагон фаро гирифтани силсилаи донишҳои марбут ба табиату ҷамъият ва тафакури шахс, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, хислатҳои шуурнокии баланд, хабардор намудани онҳо аз асосҳои фан, афзудани қобилияти тафаккур ва маданияти нутқи онҳоро дар назар дорад.

Тарбияи ақлии наврасонро бояд дар заминаҳои мероси илмии гузаштагон ва навовариҳои илмҳои замонавӣ ташкил намуд, ки наврасон соҳиби ақлу заковати беандоза будани гузаштагони худро дарк кунанд ва дар ҳамин асос дунёи воқеиро ба пуррагӣ идрок намуда, худро шиносанд, эҳсосгари мавқеи худ ва иҷрокунандаи бошууронаи вазифаҳои худ дар ҷамият гарданд.Падару модарон чи хеле ки ба тарбия фарзандон вазифадоранд, фарзандон низ ба тарбия ва нигоҳубини падару модар вазифа ва масъулият доранд.Саодати хонавода вобаста ба раҳбарии оқилонаи падар ва итоати зану фарзандон аст. Падару модар дар назди фарзанд ҳаққу ҳуқуқи баробар доранд. Донишманди бузург Носири Хусрав падару модарро аввалин тарбиятгари фарзанд донистa, ҷавононро даъват намудааст, ки эҳтироми падару модарро ба ҷо оранд, дар пирию дармондагӣ дастгири он бузургон бошанд. Беҳтарин хидмати фарзанд ва сифати неки ахлоқии ӯ дар он аст, ки бо хидмати шоистаи худ дили падару модарро ба даст оварад. Шоир мегӯяд:

Ба пирӣ хидмати модар-падар кун,

Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.
Мазан аз таъна бар эшон ба дил тир,
Дигарбора ту ҳам хоҳӣ шудан пир.

Тарбия як ҷараёнест, ки аз рӯзи таваллуди инсон то охири умр давом намуда, аз тарбиядиҳанда илму маърифати баланд, таҷрибаи кофӣ, сабру бардошт, бурдбориву таҳаммул, меҳнат ва қатъият талаб мекунад. Тарбияи фарзанди солиму боахлоқ аз рӯзи ақди никоҳи навхонадорон бояд дар маркази диққат ва мақсади асосии онҳо бошад, чунки мақсади оиладоршавӣ ин худ фарзанд ба дунё овардан ва ворисони ояндаи оила, миллат, давлат ва ҷамъиятро ба воя расонидан аст. Сипас, мо бояд ба тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, маданӣ, ақлӣ, меҳнатӣ, ҳуқуқӣ ва ҷисмонии фарзандонамон эътибори ҷиддӣ диҳем, то насли оянда коҳиш наёбанд ва аз худ фарзандони солиму баркамол ба ҷамъият мерос гузоранд. Чи хеле ки мо аз гузаштагони худ фахр мекунем, ворисони мо низ бояд аз мо ифтихор кунанд.

Падару модарон бо ҳамкории муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ бояд ҷавонони бомаънавият, бомаърифат, боахлоқ ва фидокорони давлату ҷамъиятро ба воя расонанд. . Аз рӯзҳои аввали истиқлолият аз тарафи раҳбарони давлат ва рӯшанфикрони мамлакат ба таълиму тарбияи насли наврас эътибори ҷиддӣ дода шуда, дар натиҷа тағиротҳои қобили таваҷҷӯҳ ва натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шуд. Зеро ҳар як миллат ва давлат дар арсаи ҷаҳон на танҳо бо боигарӣ ва сарватҳои табиӣ, қудрати ҳарбӣ ва иқтидори иқтисодии худ, балки пеш аз ҳама бо фарзандони боилму бомаърифат, дорои қобилияти баланди ақлӣ ва истеъдоди баландтарин ва одобу ахлоқи писандидаи халқи худ шинохта мешавад.

Ҷавонони бомаънавият ва бомаърифатро мо фақат дар натиҷаи баланд бардоштани таълиму тарбияи босифат таъмин карда метавонем. Таълим-тарбия як ҳодисаи зарури ҳаёти иҷтимоӣ ва омили камолоти инсонӣ ба шумор рафта, ба технологияи нави истеҳсолӣ ва ҷараёни меҳнат алоқаи ногусастанӣ дорад. Бинобар ин таълим-тарбия маҳсули шуури инсон буда, барои дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои инсон имкониятҳо фароҳам меоварад.

Адабиётҳои истифодашуда:

O’zbekiston Respublikasi Prezidentining 2019 yil 30 oktyabr “2030 yilgacha bo’lgan davrda O’zbekiston Respublikasining atrof-muhitni muhofaza qilish

kontseptsiyasini tasdiqlash to'g'risida"gi Farmoni. //Qonun hujjatlari ma'lumotlari milliy bazasi (www.lex.uz), 2019 yil 31 oktabr

2. O'zbekiston Respublikasi Vazirlar Mahkamasining 2019 yil 27 maydagi 434-sonli qarori.//Qonun hujjatlari ma'lumotlari milliy bazasi (www.lex.uz), 2019 yil 28 may

3. Karimov I. A. O'zbekiston XXI asr bo'sag'asida: xavfsizlikka tahdid, barqarorlik shartlari va taraqqiyot kafolatlari.T., 1997, -110-133 b.

4. Mukhtarova L.A. Ways of formation of ecological culture in children of primary age // AJMR:Asian Journal of Multimensional Research Journal. Vol 10, Issue 4, April, 2021. - Pp 648-652. (Impact Factor 7.699).

5. Мухтарова, Л. А. (2017). BOSHLANG'ICH SINFLARDA RIVOJLANTIRUVCHI TA'LIM TEXNOLOGIYASIDAN FOYDALANISH IMKONIYATLARI. Апробация, (2), 93-94.

6. Мухтарова, Л. А. (2017). BOSHLANG'ICH TA'LIM SAMARADORLIGINI OSHIRISHDA INNOVATSION TA'LIM TEXNOLOGIYALARINING O'RNI. НАУЧНЫЙ ПОИСК В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ (pp. 119-120).

7. Mukhtarova, L. A. (2021). THE USE OF INNOVATIVE EDUCATIONAL TECHNOLOGIES IN THE FORMATION OF A CULTURE OF ENVIRONMENTAL SAFETY. Oriental renaissance: Innovative, educational, natural and social sciences, 1(10), 792-797.

8. Mukhtarova Lobar Abdimannabovna. (2021). POSSIBILITIES OF AN INTEGRATIVE APPROACH TO THE FORMATION OF A CULTURE OF ENVIRONMENTAL SAFETY. European Scholar Journal, 2(11), 43-44.

9. Muxtarova, L. A. (2021). Ways of formation of ecological culture in children of primary age. Asian Journal Of Multidimensional Research, 10(4), 648-652.

10. Muxtarova, L. A. (2021). Use of multimedia technologies in the educational process. ACADEMICIA: An International Multidisciplinary Research Journal, 11(4), 1781-1785.

11. Мухтарова, Л. А. (2018). Пути Использования Возможностей Мультимедиа В Повышении Качества И Эффективности Уроков Чтения В Начальных Классах. Научные горизонты, (11-1), 247-252.

12. Мухтарова, Л. А. (2018). Развитие И Формирования Критического Мышления У Школьников Начальных Классах. Гуманитарный трактат, (24), 13-14.

13. Мухтарова, Л. А. (2018). Развитие творческого мышления у школьников начальных классов. Гуманитарный трактат, (24), 9-10.

14. Kulmuminov, U., & Mukhtarova, L. (2023). POSSIBILITIES OF CREATIVE THINKING AND ITS MANIFESTATION IN THE EDUCATIONAL PROCESS. Open Access Repository, 4(02), 81-84.

15. Abdimannabovna, M. L. (2022). Opportunities for an Interdisciplinary Integrated Approach to Improving the Culture of Environmental Safety. *Eurasian Scientific Herald*, *7*, 7-12.

16. Munzifa Tangirova, & Lobar MUKHTAROVA. (2023). WAYS OF READING LITERACY DEVELOPMENT IN PRIMARY SCHOOL PUPLS. *European Scholar Journal*, *4*(2), 88-89. Retrieved from

17. Lobar Mukhtarova, & Shahnoza Isakova. (2023). METHODOLOGY OF SPEECH DEVELOPMENT OF VISUALLY IMPAIRED STUDENTS. *Academia Repository*, *4*(10), 360–371. Retrieved from

18. Mukhtarova Lobar Abdimannabovna, & Saidakhmatova Nafisa Soatmurod kizi. (2023). DEVELOPMENT OF READING UNDERSTANDING SKILLS IN PRIMARY SCHOOL STUDENTS. *Academia Science Repository*, *4*(04), 18–22. Retrieved from

19. Nafisa Saidakhmatova, & Lobar Mukhtarova. (2023). THE SIGNIFICANCE OF A ARTWORK IN THE FORMATION OF LEARNING SKILLS. *Academia Science Repository*, *4*(04), 176–180. Retrieved from

20. Pardayeva Gulbahor Jalgashevna, & Mukhtarova Lobar Abdimannabovna. (2023). PEDAGOGICAL POSSIBILITIES OF TEACHING NATURAL SCIENCES BASED ON STEAM TECHNOLOGY. *World Bulletin of Social Sciences*, *21*, 109-111. Retrieved from

21. Feruza RAKHMONOVA, & Lobar MUKHTAROVA. (2023). THE ROLE AND SIGNIFICANCE OF FORMING A CULTURE OF READING IN PRIMARY EDUCATION. *European Scholar Journal*, *4*(3), 5-7. Retrieved from

22. Saodat MINGNOROVA, & Lobar MUKHTAROVA. (2023). THE METHODOLOGY OF DEVELOPING THE CREATIVITY OF THE BEGINNING 1ST CLASS TEACHER WITH THE HELP OF ETHNOPEDAGOGY. *World Bulletin of Social Sciences*, *27*, 33-37. Retrieved from

23. Daminova Dilbar Melimurodovna, & Mukhtarova Lobar Abdimannabovna. (2023). PEDAGOGICAL OPPORTUNITIES OF FORMING MATHEMATICAL

LITERACY SKILLS OF PRIMARY SCHOOL PUPILS. *Open Access Repository*, *4*(3), 971–976.

24.Ollokulova F.U. VALUE RELATIONSHIPS IN YOUNG PEOPLE AND THE UNIQUENESS OF THEIR DECISION MAKING Teacher of the Department of Theory and Practical of Primary Education. ISSN: 2776-0979, Volume 3, Issue 9, Sep.,

Nilufar Boynazarova. (2023). ISSUES OF ENVIRONMENTAL PROTECTION AND FORMATION OF ECOLOGICAL CULTURE OF PRIMARY CLASS STUDENTS. World Bulletin of Social Sciences, 27, 10-12. Retrieved from https://scholarexpress.net/index.php/wbss/article/view/3220